# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзӯи «Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ(дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08.-Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ(13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод шудааст.**

Омода намудани омӯзгорони забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ яке аз омилҳои муҳими амалӣ гардидани «Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2030» ва ворид шудани Тоҷикистон ба фазои ягонаи ҷаҳонишавӣ мегардад. Дар иҷрои ин амал ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён чун омӯзгорони салоҳиятноки ояндаи муассисаҳои таҳсилотӣ хеле муҳим мебошад, ки ин масъала мавриди таҳқиқоту баррасии Мавлонова И.Т. гардидааст ва муҳимияту зарурияти таҳқиқи мавзӯъро ишора менамояд.

Диссертант Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна ҳангоми омӯхтани коркарди мавзӯи таҳқиқотӣ ба адабиётҳои илмию методӣ, қи дар таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ инъикос ёфтаанд, такя намуда аз онҳо чун сарчашмаи маълумоти таҳқиқотӣ истифода бурдааст. Дастгоҳи илмии кори таҳқиқотӣ мувофиқ ба иҷрои корҳои илмии диссертатсионӣ таҳия гардида дар он тавсифи умумии таҳқиқот пешниҳод гардидааст.

Муқаддимаи кор тибқи стандарту талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мураттаб сохта шуда, мақсаду вазифаҳо, объекту фарзия, навгонӣ ва дигар маълумотҳо оварда шудаанд.

Дар автореферат мазмуни кори таҳқиқотӣ, ки аз ду боби мантиқан бо ҳам алоқаманд иборат мебошанд, бо таври муфассал арзёбӣ карда шудааст.

Дар боби аввал «Асосҳои назариявӣ ва методологии инкишофи қобилияти коммуникативию нутқии донишҷӯён» дар зерхати таҳлили фалсафӣ-педагогӣ, таъсири омилҳои психологию педагогии инкишофи қобилиятҳои коммуникативию нутқии омӯзгорони оянда бо истифода аз маводҳои омӯзишии лингводидактикӣ таҳлил шудааст. Таҳлили мухтасари ҳолати омӯзиши забони англисӣ дар заминаи забони тоҷикӣ аз рӯи барномаҳои омӯзишӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳи он аст, ки муҳаққиқ оид ба мазмун ва методикаи таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ дониши амиқи касбию методӣ дорад.

Дар боби дуюми кори диссертатсионӣ натиҷа аз кори озмоишӣ-таҷрибавӣ ҷой дода шудааст, ки онро қисми арзишманди таҳқиқоти илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Муҳаққиқ тибқи мақсаду вазифаҳои таҳқиқотӣ боҳампайвастагии қисмҳои таркибии таълими забони англисиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ оид ба ташаккули қобилияти коммуникативию нутқӣ дар марҳилаи муқарраркунандаи кори озмоишӣ муайян намуда натиҷаи онро то гузаронидани кори таҷрибавӣ ва баъди он дар шакли таҳлили оморӣ пешниҳод намудааст;

Дар заминаи натиҷагирӣ аз марҳилаи муқарраркунандаи кори таҷрибавӣ таъминоти технологии омӯзиши забони англисӣ пайгирӣ карда шудааст. Ин амал ба муҳаққиқ имконият додааст роҳҳои самарабахши ташаккулдиҳии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар ду самт: аввало тибқи талаботи заминаҳои барномавӣ-методӣ ва сониян, амалӣ гардонидани мазмуни таълими забони англисӣ дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои грамматикаи забони тоҷикӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии педагогӣ коркард гардад.

Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро фаро мегирад ва ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ мебошад.

Дар самаранокии технологияи педагогии ташаккули қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ муҳаққиқ иҷрои кори мустақилонаро зиёдтар арзишманд ҳисоб мекунад, ки он фаъолияти нутқронӣ ва иттилоотии донишҷуёнро инкишоф медиҳад.(саҳ.23).Дурустии ақидаи худро бо далелҳои оморӣ дар ҷадвали 4-ум нишон додааст.

Номгӯи интишороти кори диссертатсионӣ нишон медиҳанд, ки мӯҳтавои асосии кори таҳқиқотӣ дар онҳо ифода гардидаанд.

Бо баробари дастовардҳо мехостем чунин камбудиҳоро дар матни автореферат ҷойдоштаро таъкид намоем:

1.Хуб мешуд худи мафҳуми қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён бо таври мушаххас тавзеҳ дода мешуд.

2.Дар саҳ.19 автореферат номгузории бахши аввали боби дуюм «Муҳтавои баҳампайвастагии таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон» ниёз ба таҳрири мантиқӣ дорад.

Камбудиҳои зикргардида ҳаргиз арзиши илмии кори таҳқиқотии И.Т.Мавлоноваро коҳиш намедиҳад ва онҳо дар фаъолияти мнбаъдаи илмӣ-омӯгорӣ бояд ба ҳисоб гирифта шаванд

Диссертатсияи Мавлонова Интизор Тоҷиддиновна дар мавзӯи «Ташаккулёбии қобилияти коммуникативӣ-нутқии донишҷӯён дар раванди таҳсилоти олии касбии педагогӣ (дар асоси маводи омӯзиши забони англисӣ)», кори илмӣ-таҳқиқотии ба анҷомрасида буда ба

талаботҳои “Тартиби додани дараҷаи илмӣ(дотсент ва профессор)”-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08-Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04-Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) арзанда мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ
“ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров” Шаропов Шавкат Аҳмадович

02.11.2022с.

*Имзои профессор Ш.А.Шароповро тасдиқ мекунам.*

*Сардори РК ва КМ МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”* *Наврузов Э.М.*